***Шартнома***

***байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93-и н. Синои ш. Душанбе дар бораи ҳамкорӣ ва тайёр намудани кадрҳо***

«01» 09 соли 2021 ш. Душанбе

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар шахсияти Ректор-Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, ки дар асоси Оинномаи донишгоҳ амал мекунад (минбаъд Донишгоҳ) ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93-и н.Синои ш. Душанбе дар шахсияти Директор-Раҷабалиева Гулнисо Сайдалиевна (минбаъд Муассиса) шартномаи мазкурро оид ба ҳамкории мақсаднок тибқи шартҳои зерин бастанд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1. Мавзӯи шартномаи мазкурро ҳамкории байни Донишгоҳ ва Муассиса бо мақсади такмил додани сатҳи омодагии мутахассисон, омода намудани мутахассисони баландихтисос, ҳамкорӣ дар самти таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломии донишҷӯён, баланд бардоштани савияи касбии кормандони Муассиса, татбиқи барномаҳои таълимӣ, лоиҳаҳои илмию педагогӣ, боз ҳам мустаҳкам намудани муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи тарафҳо мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

## 2. САМТҲОИ ҲАМКОРӢ

2. Мувофиқи шартномаи мазкур Донишгоҳ бо Муассиса дар самтҳои зерин ҳамкорӣ менамояд:

-гузаронидани конфронсу семинарҳои муштараки илмию амалӣ ва таълимию методӣ оид ба мушкилотҳои мубрами ҷомеа, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили барномаҳо;

-баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии донишҷӯёни Донишгоҳ ва кормандони Муассиса;

-гузаронидани фаъолияти илмию тадқиқотӣ оид ба масъалаҳое, ки манфиати мутақобила доранд;

-омода намудан ва интишори корҳои илмии муштарак (нашри маҷмӯи мақолаҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимию методӣ барои донишҷӯён ва кормандон)

-мусоидат барои бо кор таъмин намудани хатмкунандагони болаёқати Донишгоҳ;
3. Тарафҳо метавонанд ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои шартномаи мазкур дар самтҳои дигар низ ҳамкориро ба роҳ монанд.

## 3. МАЗМУНИ ШАРТНОМА

4. Уҳдадориҳои Донишгоҳ;
-бо таклифи Муассиса таъмини иштироки устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳ дар омода кардани барномаҳои таълимӣ, корҳои методӣ;
-аз ҷониби кафедраҳои гуногуни Донишгоҳ гузаронидани чорабиниҳо, тадқиқоти илмӣ оид ба мавзӯъҳое, ки ба такмили фаъолияти педагогӣ мусоидат мекунанд;
-дар асоси нақшаи кории Муассиса таъмини иштироки устодони Донишгоҳ барои баромад бо маърӯзаҳо, гузаронидани конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳо ва дигар машғулиятҳо бо кормандон;
-ҳамасола додани роҳхат ба донишҷӯёни Донишгоҳ барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тибқи тартиби муқарраршуда;
-сафарбар намудани донишҷӯён ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломӣ мувофиқи муҳлати дар нақшаҳои таълимӣ муқарраршуда;
-то огози таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломӣ фиристодани шахси мутасаддӣ барои омода намудани шароити зарурии таҷрибагузаронӣ, таъмини роҳбари таълимию методии таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломии донишҷӯён ва назорати дар сатҳи зарурӣ гузаштани он;
-мувофиқа намудани барномаи таҷрибаомӯзӣ ва нақшаҳои инфиродӣ;
-мусоидат дар васеъ намудани махзанҳои илмию амалии Муассиса бо адабиёт ва маводи илмӣ;
-амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.
5. Уҳдадориҳои Муассиса;
-мусоидат ба устодон ва кормандони Донишгоҳ барои шиносоӣ ва истифодаи маводи зарурии фаъолияти анҷомдодаи омӯзгорон ва толибилмони Муассиса то он ҳадде ки қонунгузорӣ иҷозат медиҳад;
-ҳамасола қабули донишҷӯёни таҷрибаомӯз мувофиқи нақшаи таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломӣ;

-ташкил ва таъмини гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни Донишгоҳ дар асоси нақшаҳои таълимӣ ва Низомнома дар бораи таҷрибаомӯзии шиносоӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён дар Муассиса;
-таъмини шароити зарурӣ барои амалишавии барномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён;
-барои роҳбарӣ ба рафти таҷрибаомӯзии донишҷӯён таъмин намудани омӯзгорони баландихтисос;
-баробари ба итмом расидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломӣ ба ҳар як донишҷӯ додани тавсифнома ва тасдиқи ҳисоботи онҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ;
-ба донишҷӯёни Донишгоҳ фароҳам овардани шароит ҳангоми тайёр намудани корҳои дипломӣ ва дигар маърӯзаҳои илмӣ таҳти сарварии роҳбари илмӣ;
-дар асоси дархости Донишгоҳ таъмини иштироки омӯзгорон дар ҷараёни таълим, баромад бо маърӯзаҳо, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ, иштирок дар маҳфилҳои илмӣ ва маҳфилҳои донишҷӯён;
-навиштани тақризҳо ба корҳои дипломии донишҷӯён;
-ҷалби кормандони Муассиса дар доираи имкониятҳои ҷойдошта барои беҳтар намудани фаъолияти илмию таълимӣ ва методии Донишгоҳ;
-мусоидат дар васеъ намудани маҳзанҳои илмию амалии Донишгоҳ бо адабиёт ва тадқиқоти илмӣ;
-амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

6. Шартномаи мазкур ба муҳлати 5 сол баста шуда, он аз лаҳзаи ба имзо расидан эътибор пайдо менамояд.
7. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартнома тибқи ризоияти мутақобила мумкин аст, ки тағйир дода шавад ё қатъ гардад. Ризоияти тарафҳо бояд дар шакли хаттӣ ба расмият дароварда шавад. Бо ҳамин тартиб муҳлати шартнома, ки ба охир расидааст, дароз карда шавад.
8. Ягон банди шартномаи мазкур набояд боиси уҳдадории молиявии иловагии тарафҳо гардад.
9. Рафти иҷрои бандҳои шартнома аз тарафи Донишгоҳ ва Муассиса назорат карда мешавад.

10. Шартнома дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он дар Донишгоҳ ва нусхаи дигараш дар Муассиса нигоҳ дошта мешавад. Нусхаҳо эътибори баробар доранд.

## 5. СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ ВА ИМЗОИ ТАРАФҲО

| | |
|---|---|
| Донишгоҳи милли Тоҷикистон<br>ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93<br>ш. Душанбе, кӯчаи Испечак 2, м 25 |
| Ректор | Директор |
| ___________Хушвахтзода Қ.Х. | ___________Раҷабалиева Г.С. |
| ч.м. «____»___________2021 | ч.м. «____»___________2021 |